**Таркризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қаракул дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгиройшудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

Бобошерзода Нозанин Қаракул баъди хатми факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии ш.Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2010 ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи милии Тоҷикистон дохил шудааст. Ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиёне, ки ҷабҳаҳои назарявии кори мазкурро тадқиқ намудаанд нишон дод. Дар давоми иҷрои рисола ва таҳия намудани мақолаҳо барои чоп масъуляти баландро нишон дод, ки ин ба ӯ имконият дод 14 мақолаи илмӣ аз чоп барорад, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшаванда.

Бобошерзода Н.Қ. айни замон ба ҳайси котиби Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ҳамзамон муаллимаи калони кафедраи менеҷменти молиявии донишгоҳи мазкур шуда кор мекунад.

Бобошерзода Н.Қ. қобиляти баланди эҷодӣ, мустақилона кор кардан ва истифодабарии адабиёти назарявиро доро мебошад, ки дар раванди таҳқиқотбарӣ оид ба ҷанбаҳои муҳими назарявии кори илмӣ исботи худро ёфтааст. Инчунин ӯ худро ҳамчун аспиранти поквиҷдон, иҷрокунанда, росткавл нишон дода, барои пешбурди тадқиқот ҳавасманд мебошад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои фалсафаи илм ва забони англисӣ бо баҳои хубу аъло супоридааст. Дар рафти навиштани рисолаи номзадӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқотӣ 14 мақолаи илмӣ чоп намудааст.

Унвонҷӯ худро ҳамчун таҳқиқодчии ташаккулёфтаи дорои тайёрии баланди назарявӣ дар самти иқтисодиёти минтақавӣ ва соҳаи агросаноатӣ нишон дода истодааст. Хизмати асосии унвонҷӯ аз он иборат аст, ки вай

имкон дод, ки ҳаҷми зиёди маълумотҳои омориро оид ба масъалаи комплексҳои агросаноатӣ коркард намояд.

Дар таҳқиқот монографияҳо ва дастовардҳои олимони ватанию хориҷӣ, маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, маълумотҳои омории ҷамовардаи муаллиф, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои хоҷагидории вилояти Хатлон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаи танзими бозори истеъмолӣ, сифат ва амнияти мол ва хизматрасонӣ, махсусияти соҳаи кишоварзӣ истифода гардиданд. Таҳқиқоти диссертатсионии Бобошерзода Н.Қ. ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илмии иқтисодиёти минтақавӣ бахшида шудааст.

Равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ ва афзоиши захираҳои меҳнатиро муайян намуда, тадқиқоташ ҳамчун падидаи нав дар замони муосир як бахши муҳими ба тамоми илмҳои иқтисодӣ маҳсуб мебошад. Асосҳои назарявии рушди соҳаи комплекси агросаноатиро таҳқиқ ва асоснок намудааст, ки дар зиннаи аввали рушди назарявӣ, ҳамгироии агросаноатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, рушди хоҷагиҳои деҳқонию хоҷагиҳои аҳолии қобили меҳнат дошта, мушкилоти механизмҳои идоракунии бозори дохила пайдо шудаанд. Назарияи иқтисодӣ ва ақидаҳои муосир оид ба муаммоҳои агросаноатидошта зимнан ба таҳқиқотӣ пайравони мактабҳои гуногуни иқтисодии ҷаҳон такя мекунанд.

Аҳамияти амалии рисола дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он дарҷгардида ба васеъ намудани донишҳои иқтисодию иҷтимоӣ мусоитад карда, як қатор пешниҳодҳои дар рисола овардашуда метавонанд тадбиқи амалии худро дар заминаи қонунгузории таҳқиқоти соҳа ва ҳамчун дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятии соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти манфиатҳои давлат ва минтақаҳои он истифода шаванд.

Аз ин рӯ, тадқиқоти рисолаи илмии Бобошерзода Нозанин Қаракул дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи

агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.03. –** Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** **Қурбонзода М. Р.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,

Раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Имзои Қурбонзода М.Р.-ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси

Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС